# ПРОТОКОЛИ №139

## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-016

аз «21» июни соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 9 нафар аъзои шуро 8 нафар

**Раиси шуро**: Шарифов Зариф Раҳмонович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, №14/шд тасдиқгардида 8 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 7 нафарашон доктроони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА</u>:

Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Раҷабов Р.К. ва аъзои комиссия Раҳматзода Ҳ.Б. ва Набиев И.И. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Комилзода Низомуддин Бегаҳмад – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгохи миллии Тоҷикистсон** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 29.08.2025, соати 09.00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 8 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

Имзои Шарифов З.Р. ва Олимов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.